Санаи 19 октябри соли 2024 тақрибан соати $07^{00}$ дақиқа як гурӯҳ кормандони ҷамъият ба басти якум ба қитъаи кории портали баромадгоҳи нақбҳои обпартои болоии (OVS) ба сақви №18 ба сатҳи 1168 метр ба утоқи муваққатии коргарон ҳозир шуда, аз тарафи марҳум - устои қитъа Абдуназаров Д. ба коргарон дастурдиҳӣ оиди риояи техникаи бехатарӣ гузаронида шуда, дар дафтари супоришҳои басти корӣ имзо намудаанд. Баъдан устои қитъа Абдуназаров Д. ба танзимгар Раҷабзода К. ва идоракунандагони экскаватор Самиев Қ. супориши корӣ оиди корҳои хокпартоиро дар сақви 22 супориш додааст. Тақрибан соати $9^{10}$ дақиқа устои қитъа Абдуназаров Д. ба танзимгар Раҷабзода К. супориш додааст, ки бинобан сабаби гузаронидани ченкунии ҳаҷми корҳои хокпартоӣ дар сақвҳои №25 ва №26, корҳои хокпартоиро дар сақви №22 муваққатан боздорад. Баъдан дар сақви №25 устои қитъа Абдуназаров Д. бо як гуруҳ кормандон бо чен намудани ҳаҷми хоки сақвҳои №25 ва №26 машғул шуда, тақрибан соати $9^{50}$ дақиқа устои қитъа Абдуназаров Д. баТоиров З. тариқи телефони мобилӣ супориш додааст, ки партофтани хоки сақвро аз сақви №22 ба сақви №25 оғоз намоянд ва худи ӯ дар якҷоягӣ бо 3 нафар кормандон дар сақви №25, ПК 0+87-и сатҳи 1055,90 қарор гирифтаанд. Ногаҳон санги калонҳаҷми тақрибан 1 $м^3$ аз

сақви №22 ҷудо шуда, аз баландии тақрибан 46 метр ба самти поён афтида омада, дар сатҳи 1058 метр ба замин зада ба 2 қисм ҷудо шуда, 1 қисми он дар ҷойи афтида боқӣ монда, қисми дигари он бо ҳаҷми тақрибан 0,35-0,4 $м^3$ тариқи рӯӣ замин ба самти ҷойи истодаи онҳо бо таври тобхӯрӣ ҳаракат намуда, ҷабрдидаро зер намудааст, ки дар натиҷа Абдуназаров Д. ҷароҳатҳои ҷисмонӣ бардошта, баъдан ба ҳалокат расидааст.

**Сабабҳои ҳодисаи нохуш:**

-дар сатҳи 1102 метри сақви №22-и қитъаи кории портали баромадгоҳи нақбҳои обпартои болоӣ гузаронида шудани корҳои заминӣ дар ҳолати мавҷуд будани механизм ва одамон дар сақвҳои поёнии сақвҳои №25 ва №26-и сатҳи 1058 метр;

-беэҳтиётии устои қитъаи корҳои кони раёсати сохтмони истеҳсолии ҶСК «ТГЭМ» дар шаҳри Роғун Абдуназаров Диловаршо Назарович, яъне ҳангоми рух додани ҳодисаи нохуш бе зарурият қарор доштани ӯ дар ҷойи хавфнок - дар сақви №25, ПК 0+87-и сатҳи 1055,90 минтақаи кории баромадгоҳи нақбҳои обпартои садамавӣ (портали OVS);

-аз ҷониби масъулини ҶСК «ТГЭМ» ба ҳайси масъули корҳои кӯҳӣ-техникӣ таъин намудани шахсоне, ки маълумоти тахассусии соҳавӣ надоранд.

**23. Ҳодисаи нохуши ҳолати ҷароҳатбардорӣ санаи 19 октябри соли 2024 тахминан соати 10 $^{20}$ дақиқа бо коргари идоракунандаи обкашонакҳоиминтақаипартовгоҳифабрикаи маъданшуии ҶДММ ТА КМ «Анзоб»Ҷумъаев АҳтамТобканбоиевич, санаи таваллудаш 27.05.1970 рух додааст.**

**Маълумот дар бораи ҷабрдида**

Ҷумъаев АҳтамТобканбоиевич– санаи таваллудаш 27.05.1970, коргари идоракунандаи обкашонакҳоиминтақаипартовгоҳифабрикаиҶДММ ТА

КМ “Анзоб”;

- собиқаи корӣдар корхонаи мазкур 13 солу 1 моҳу 25 руз.
- дастури муқаддимавӣ: 23.08.2011.
- дастурдиҳӣдарҷойикор, навбатӣ: 25.07.2024.
- санҷишидониш: 17.06.2023.

Вазъи оилавӣ - оиладор, соҳиби 2 фарзанд:

**Ҳолати ҳодисаи нохуш**

Аз баёноти ҷабрдида Ҷумъаев Аҳтам Тобканбоиевич ва дигар шоҳидони ҳодиса бармеояд, ки санаи 19 октябр соати $6^{30}$ дақиқа, аз устои минтақаи партовгоҳи фабрикаи маданшуии Аюбов Шаҳзод супориши корӣ оиди назорати насосҳо ва ҷобаҷокунии қубурҳо гирифта машғули кор шудаанд. Тақрибан соати $9^{00}$ бо дархости устои басти корӣ ронандаи экскаватор Олимов Ҳисорбек, барои канда баровардани қубурҳои оҳанин аз зери хок ба минтақаи кориашон омадаанд. Устои баст Аюбов Ш. ба экскаваторчӣ Олимов Ҳ. моҳияти корро фаҳмонида, барои назорати ҳолати кори насосҳо ба иморати истгоҳи насосӣ рафтааст. Ҷумъаев А. ва Саидов А. ба назди экскаватор рафта мехоҳанд кори экскаваторро нигоҳ кунанд. Экскваторчӣ Олимов Ҳ. корро соати $10^{00}$ оғоз намудааст ва ба Ҷумъаев А. ва Саидов А. гуфтааст, ки дуртар аз ҷойи кор дар ҷойи бехавф рафта истанд. Саидов А. ба болои зинаи дуввуми сарбанд баромадааст ва Ҷумъаев  А. бошад, дуртар аз ҷойи кори эксквbooleanатор қарор гирифтааст. Ҳангоми аз зери хок озод намудани қубури оҳанин бо эксқватор, ногаҳон қубурҳои пластикие, ки дар онҷо мавҷуд будааст, ногаҳон як ададаш лағжида ба тарафи Ҷумъаев А. афтидааст. Ҷумъаев А. ин ҳолатро дида хостааст, ки ба ҷойи дуртар гурезад, аммо қубур бо суръати тез афтида ба пойи росташ задааст. Ин ҳолатро экскваторчӣ Олимов Ҳ. ва машинисти насосҳо Саидов А. Дида, ба

назди Ҷумъаев  А. омада ӯро аз ҷояш бардоштанд. Баъдан онҳо оиди ҳодисаи нохуш ба роҳбарият хабар доданд.

**Сабабҳои ҳодисаи нохуш**

-беаҳамиятӣ намудан ва ба ҷойи бехатар нарафтани ҷабрдида ҳангоми кори экскаватор;

-назорати суст ҳангоми иҷрои кор аз тарафи устои баст.

**24. Ҳодисаи нохуши ҳолати ҷароҳатбардорӣ санаи 9 ноябри соли 2024, тахминан соати $07^{58}$ дақиқа дар ҶДММ «Ширкати металлургии Анзоб» бо коргари хумдони барқароркунанда Заробеков Парвиз Назрибекович, соли таваллудаш 1992 рух додааст.**

**Маълумот дар бораи ҷабрдида**

Заробеков Парвиз Назрибекович, санаи таваллудаш 20.08.1992, коргари ҶДММ "Ширкати металлургии Анзоб";

- собиқаи корӣдар корхонаи мазкур - 4 рӯз;
- дастури муқаддимавӣ: 05.11.2024;
- дастурдиҳӣ дар ҷойикор: 06.11.2024.

Вазъи оилавӣ, оиладор, соҳиби 1 фарзанд.

**Ҳолатиҳодисаи нохуш**

Санаи 9 ноябри соли 2024 соати $6^{00}$ коргарони хумдони барқароркунанда Заробеков П. ва ҚурбоновФ.супоришикорипробаъдазгузаштанидастури техникаи бехатарӣ азустоикалонибастДадобоевУсмоноидикордархумдониб арқароркунандагирифтаанд ва бо ҳамроҳииёрдамчииустоибастҲасановШ.дархумдонибарқ ароркунии№3 бакоршурӯънамудаанд. Онҳобояд 10 халта сода (сода кальцинированная) ба дохили хумдон, ба даруни оташи $1000^{0}$C партофта, 5 халтаашро ба як тарафи хумдон ва 5 халтаи дигарашро ба тарафи дигари хумдон оварда монданд. Корҳоро аз тарафи

ғарбииxумдоноғознамуда, 5 халта содаро ба замин рехта, аввал ҚурбоновФ. чанд бел содаро ба дохили хумдон партофт ва ба Заробеков П.чӣтавр партофтанро нишон додааст, баъд бо ҳамроҳииҲасановШ. ба тарафи шарқииxумдонбароихолӣ намудани 5 халтаи дигари сода рафтааст. Заробеков П. бо бел содаро ба дохили хумдон партофтааст, ки дар ҳаминҳолат ногаҳон аз дохили хумдон алангаи оташ ба сару рӯйи ҷабрдида пош хурдааст.Дар ин ҳолат ба кӯмаки ҷабрдидакоргарон Дадобоев У.,ҲасановШ.,ҚурбоновП. ва дигарон ҳозиршуда, либосҳоиболоии ҷабрдидаро кашида,ба бунгоҳитиббиикорхонабурдаанд.Баъд аз муоинаи духтури корхона ДӯстовН.ӯробомошини сармуҳандисиҷамъиятбо рақамиқайди давлатӣ 171 NZ 01 ба Муассисаи давлатии маркази тибии шаҳрии№3, шуъбаи бемориҳоисӯхтаи шаҳри Душанбе оварда, бистарӣнамуданд.

**Сабабҳои ҳодисаи нохуш:**

-беаҳамиятӣ зоҳир намудан аз тарафи коргар ҳангоми корҳои истеҳсолӣ, бе истифодаи асбобҳои худмуҳофизатӣ партофтани хокаи сода ба оташдон;

-ба таври дахлдор нагузаронидани омӯзиш оид ба техникаи бехатарӣ ва ба кор роҳ додани корманд бе гузаштан аз санҷиши дониш.

**25. Ҳодисаи нохуши ҳолати гурӯҳии марговар ва ҷароҳатбардорӣ санаи 12 ноябри соли 2024 тақрибан соати 07 $\underline{^{50}}$ дақиқа дар шахтаи вертикалии №5 аз сатҳи 1221 бо коргарони ФҶСП «Хокруд» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Пиров Ҷамшед Қиёмиддинович, Сулаймонов Шамсуддин Ниматуллаевич, Эмомов Хайрулло Раҷабалиевичба ҳалокат расида,Исматов Сафарали Ҳасановичҷароҳати ҷисмонӣ бардоштааст.**

**Маълумот дар бораи ҷабрдидагон:**

**1.1** Пиров Ҷамшед Қиёмиддинович, санаи таваллудаш 18 январи 1984, истиқоматкунандаи ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти ба номи С. Айнӣ, деҳаи Дара.

Тибқи фармони ФҶСП «Хокруд» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон №195 аз 21. 11 соли 2019 ба ҳайси коргари иншооти кӯҳии зеризаминӣ ба кор қабул гардида, тибқи фармони ФҶСП «Хокруд» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон №7 аз 03. 03 соли 2023 тариқи гузариш ба ҳайси идоракунандаи дастгоҳи пармагарӣ таъин гардидааст.

Собиқаиумумиикорӣ 6 (шаш) солу 11 (ёздаҳ) моҳу 26 (бисту шаш) рӯз.

Дар ташкилоти мазкур 6 (шаш) солу 11 (ёздаҳ) моҳу 26 (бисту шаш) рӯз.

Вазъи оилавӣ – оиладор, соҳиби 4 фарзанд, аз ҷумла:

Завҷааш – Раҷабова Шаъмигул, соли таваллудаш 1998;

Писараш – Пиров Меҳроб Ҷамшедович, соли таваллудаш 2008;

Писараш – Пиров Акбар Ҷамшедович, соли таваллудаш 2009;

Писараш – Пиров Самиоллоҳ Ҷамшедович, соли таваллудаш 2011;

Духтараш – Қиёмиддинзода Фариштаи Ҷамшед, соли таваллудаш 2024;

**Маълумот оиди гузаронидани дастурдиҳиҳо оиди риояи техникаи бехатарӣ:**

-гузаронидани дастурдиҳии муқаддимавӣ - санаи 24.11.2019;

-гузаронидани дастурдиҳӣ дар ҷойи корӣ - санаи 24. 11.2019;

-гузаштан аз дастурдиҳии такрорӣ – 01.10.2024.

**1.2** Сулаймонов Шамсуддин Ниматуллаевич, санаи таваллудаш 12.03.1974, истиқоматкунандаи вилояти Хатлон, ноҳияи Фархор, ҷамоати деҳоти Ватан, деҳаи Баҳор.

Тибқи фармони ФҶСП «Хокруд» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон №71 аз 03.04.2023 ба ҳайси коргари иншооти кӯҳии зеризаминӣ ба кор қабул гардидааст.

Собиқаи умумии корӣ: 1 солу 7 моҳу 9 рӯз.

Дар ташкилоти мазкур: 1 солу 7 моҳу 9 рӯз.

Вазъи оилавӣ – оиладор, соҳиби 4 фарзанд, аз ҷумла:

Завҷааш – Сафарова Майрамбӣ, соли таваллудаш 1976;

Духтараш – Сулаймонова Мавлуда Ниматуллаевна, соли таваллудаш 2001;

Писараш – Сулаймонов Умедҷон, Ниматуллаевич, соли таваллудаш 2008;

Писараш – Сулаймонов Ёқубҷон Ниматуллаевич, соли таваллудаш 2012;

Писараш – Сулаймонов Исуфҷон Ниматуллаевич, соли таваллудаш 2014.

**Маълумот оиди гузаронидани дастурдиҳиҳо оиди риояи техникаи бехатарӣ**:

-гузаронидани дастурдиҳии муқаддимавӣ - санаи 03.04.2023;

-гузаронидани дастурдиҳӣ дар ҷойи корӣ - санаи 03.04.2023;

-гузаштан аз дастурдиҳии такрорӣ – 01.10.2024.

**1.3** Эмомов Хайрулло Раҷабалиевич, санаи таваллудаш 01.01.1988, истиқоматкунандаи вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, ҷамоати деҳоти Сангтуда, деҳаи Сангтуда.

Тибқи фармони ФҶСП «Хокруд» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон №172 аз 02.03.2023 ба ҳайси коргари иншооти кӯҳии зеризаминӣ ба кор қабул гардидааст.

Собиқаи умумии корӣ 13 солу 3 моҳу 7 рӯз.

Дар ташкилоти мазкур 1 солу 8 моҳу 10 рӯз.

Вазъи оилавӣ – оиладор, соҳиби 4 фарзанд, аз ҷумла:

Завҷааш – Гулова Саида, соли таваллудаш 1995;

Писараш – Хайруллозода Билол, соли таваллудаш 2015;

Духтараш – Хайруллозода Мукаррама, соли таваллудаш 2016;

Духтараш – Раҷбализода Марям, соли таваллудаш 2019;

Писараш – Раҷабализода Аҳмадҷон, соли таваллудаш 2021;

**Маълумот оиди гузаронидани дастурдиҳиҳо оиди риояи техникаи бехатарӣ**:

-гузаронидани дастурдиҳии муқаддимавӣ - санаи 02.03.2023;

-гузаронидани дастурдиҳӣ дар ҷойи корӣ - санаи 02.03.2023;

-гузаштан аз дастурдиҳии такрорӣ – 01.10.2024.

**1.4** Исматов Сафарали Ҳасанович, санаи таваллудаш 24.05.2001, истиқоматкунандаи вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, ҷамоати деҳоти Сангтуда, деҳаи Сангтуда.

Тибқи фармони ФҶСП «Хокруд» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон №13 аз 02.03.2024 ба ҳайси коргари иншооти кӯҳии зеризаминӣ ба кор қабул гардидааст.

Собиқаи умумии корӣ 8 моҳу 10 рӯз.

Дар ташкилоти мазкур солу 8 моҳу 10 рӯз.

Вазъи оилавӣ – оиладор- муҷаррад.

**Маълумот оиди гузаронидани дастурдиҳиҳо оиди риояи техникаи бехатарӣ**:

-гузаронидани дастурдиҳии муқаддимавӣ - санаи 02.03.2024;

-гузаронидани дастурдиҳӣ дар ҷойи корӣ - санаи 02.03.2024;

-гузаштан аз дастурдиҳии такрорӣ – 01.10.2024.

**Ҳолати ҳодисаи нохуш:**

Санаи 12 ноябри соли 2024 тақрибан соати $07^{00}$ як гурӯҳ коргарони ҷамъият ба қитъаи кории нақби Т-9 ба шахтаи дарвозаҳои агрегати №5 ба сатҳи 1280 метр ба

утоқи муваққатии коргарон ҳозир шуда, ба онҳо устои қитъа Саиди Бандони дастурдиҳӣ оиди риояи техникаи бехатарӣ гузаронидааст ва дар дафтари супоришҳои басти корӣ имзо намуданд. Баъдан устои қитъа Саиди Бандони ба онҳо, аз ҷумла ба коргарон Пиров Ҷ., Сулаймонов Ш., Эмомов Х., Исматов С. оиди парма намудани як адад пармачоҳ, инунин ба Ҳақдодов Ҳ ва Маҳмадсаидзода С. оиди маҳкам намудани сурохиҳо бо маҳлули сементӣ супориши корӣ додааст. Баъдан онҳо тақрибан соати $07^{30}$ дақиқа бо теъдоди 6 нафар тариқи сабади одамсавор аз сатҳи 1280 метр ба сатҳи 1213 метр ба болои майдончаи худсохти муваққатӣ (платформа) фаромаданд. Ҳангоми фаромадани онҳо дар майдончаи мазкур 1 адад таҷҳизоти пармагарии хурди тамғаи Расул вуҷуд доштаст. Баъдан Пиров Ҷ., Сулаймонов Ш., Эмомов Х., Исматов С. бинобар сабаби дар ҳолати корношоямӣ қарор доштани таҷҳизоти пармагарӣ бо иваз намудани қисми таҷҳизот шуруъ намуданд. Ҳақдодов Ҳ. ва Маҳмадсаидзода С. бо маҳкам намудани сурохиҳо бо маҳлули сементӣ тақрибан дар муддати 10-15 дақиқа машғул шуданд. Баъдан Ҳақдодов Ҳ. ва Маҳмадсаидзода С. ба сабад савор шуданд ва сабадро крани маноравӣ бо боло бардоштанро оғоз намудаст, ки тақрибан соати 07-50 дақиқа дар дохили сабад дар сатҳи 1260 метр қарор доштанашон ногаҳон майдончаи худсохти муваққатӣ (платформа) аз ҳолати истодааш бо пушт тоб хурда ба сатҳи 1180 метр афтидааст, ки дар натиҷаи аз ҷароҳатҳои ҷисмонӣ бардоштан коргарони ФҶСП «Хокруд» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – Пиров Ҷамшед Қиёмиддинович, Сулаймонов Шамсуддин Ниматуллаевич ва Эмомов Хайрулло Раҷабалиевич дар ҷойи ҳодиса ба ҳалокат расида, Исматов Сафарали Ҳасанович ҷароҳати ҷисмонӣ бардоштааст.

**Сабабҳои ҳодисаи нохуш:**

**Сабабҳои техникӣ: -** ногаҳон шикаста шудани қисмати аввали 6 адад анкерҳои тамғаи АЖГ аз арматураи қутри 32 мм.

**Сабабҳои ташкилӣ:**

- зери роҳбарии устои қитъаи корҳои кӯҳии ФҶСП «Хокруд» дар ҶТ Рамазани Токаманӣ Муртаза Раҷаб, санаи рух додани ҳодисаи нохуш дар сатҳи 1221 метри шахтаи №5 тибқи талаботҳои бехатарӣ баста нашудани қатори дуюми занҷирҳои овезоншавандаи платформаи металлию чубини қутри 13,0 метр дар баландии 2-2,5 метр;

- аз тарафи устои қитъаи иншооти зеризаминии ФҶСП «Хокруд» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Саиди Бандони Ғуломалӣ таъмин нагардидани талаботҳои бехатарии саҳифаи 1 банди 2 қисми эзоҳи техникии лоиҳаи иҷроиши корҳо (ППР) оид ба васли платформаи металлию чубин барои пур кардан ва мустаҳкамкунии шахтаи қубурҳои агрегатҳои 1-6-и НБО «Роғун»;

- аз тарафи устои қитъаи иншооти зеризаминии ФҶСП «Хокруд» дар ҶТ Саиди Бандони Ғуломалӣ ҳангоми иҷрои корҳо дар баланди таъмин нагардидани истифодаи камарбандҳои ҳимоявӣ ба коргарон Пиров Ҷ., Сулаймонов Ш., Эмомов Х. ва Исматов С;

-ҳангоми иҷрои корҳои хатарнокияш баланд дар ҷойи корӣ ҳузур надоштани устои қитъаи иншооти зеризаминии ФҶСП «Хокруд» дар ҶТ Саиди Бандони Ғуломалӣ;

-аз ҷониби ФҶСП «Хокруд» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси масъули корҳои кӯҳӣ-техникӣ таъин намудани шахсоне, ки маълумоти тахассусии соҳавӣ надоранд.

**26. Ҳодисаи нохуши ҳолати марговар, ки санаи 19 ноябри соли 2024, тахминан соати 13 $^{25}$ бо ронандаи крани автомобилии КВД «Обу корези Душанбе» - Сафаралиев Шоимардон соли таваллудаш 10 феврали соли 1955 сокини ноҳияи Рӯдакӣ, кӯчаи Дарёобод, дар суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский, буриши кӯчаи Раҳимӣ рух додааст.**

**Маълумот дар бораи ҷабрдида:**

Сафаралиев Шоимардон, санаи таваллудаш 10 феврали соли 1955, вазъи оилавӣ – оиладор, соҳиби 9 фарзанд.

Ҷойи истиқомат – Ҷумҳурии Тоҷикистон ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Гулистон, кӯчаи Дарёобод.

**Ҳолати ҳодисаи нохуш**

Аз баёноти шоҳидон ҳодиса бармеояд, ки санаи 19 ноябри соли 2024 коргарон аз сармуҳандиси КВД «Обу корези Душанбе» Қаландаров С. супориши корӣгирифтанд, ки дар кӯчаи Маяковский буриши кучаи Раҳимии назди Боғи фарҳанги фароғатии Мироненкои ноҳияи Сино, тахтасанги болои чоҳи оби нушокиишикасташударо ивазаш намоянд. Кормандон барои иваз намудани тахтасанг сафарбар гардидаанд. Ҳангоми ба қитъаи корӣ ҳозир шудан,барои иваз намудани тахтасанги шикаста аз болои Камаз ду адад тахтасанги бурдаашонро ба замин фароварда, тахтасанги шикастаро бо воситаи таҷҳизотҳои корӣ аз замин озод намуда, барои бор кардани он ба автомашинаи боркаш  бо ёрии крани автомобилӣ чангакҳоро ба тахтасанги баста, бо ишораи коргарон идоракунандаи кран  тақрибан 1 метр ба боло бардоштааст,ки дар ин ҳолат тири крани автомобилӣ каме ба дарун даромада, баъдан тахтасанд ба дигар тараф тоб хӯрда бо таъсири вазни тахтасанг мувозинати крани автомобилӣ гум шуда, ба паҳлӯи чап дар руйи роҳ афтидааст.Дар ин ҳолат идоракунандаи крани автомобилӣ аз даруни кабинаи кран ба замин сарозер шуда, ҷароҳатҳои ҷисмонӣбардоштааст. Сипас коргарони корхона ин ҳолатро дида фавран ба ҷабрдида кӯмаки тиббии авалияро расонида ва бо воситаи автомашина ба беморхонаи Муассисаи давлатии маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шифобахш» бурда расониданд.Бо гузашти як шабонарӯз ҷабрдида Сафаралиев Шоимардон ба ҳалокат расидааст.

**Сабабҳоиходисаинохуш**

- ба идоракунии крани автомобилӣ ҷалб ва сафарбар намудани марҳум Сафаралиев Ш. бе шаҳодатномаи тахассусӣ;

- истифодабарии крани автомобилӣ, ки аз муоинаи техникӣ ва экспертизаи бехатарии саноатӣ нагузаштааст;

- барои истифодабарии бехатаронаи кран, нигоҳдории кран дар ҳолати коршоямӣ ва барои бехатарона кашонидани бор тавассути кран аз ҳисоби кормандони муҳандисию техникӣ таъин карда нашудани шахсони масъул;

- барои корҳои борбардорӣ ва борфарорӣ таъмин накардани борбандчиҳо;

- ташкил накардани дафтари азназаргузаронии кранҳои борбардор.

**27. Ҳодисаи нохуши ҳолати ҷароҳатбардорӣ санаи 25 ноябри соли 2024 тақрибан соати 18 $^{45}$ дақиқа дар қабати ангишти №10, қитъаи зеризаминӣ, №6 уфуқи +2612 метри кони Равоти ҶСП «Комбинати металлургии Тоҷик» бо машинисти тамғаи БГА Зарипов Матлабалӣ Ёралиевич, санаи таваллудаш 20.02.1973 рух додааст.**

**Маълумот дар бораи ҷабрдида**

Зарипов Матлабали Ёралиевич – машинисти БГА-и ҶСП «Комбинати металлургии Тоҷик»;

- собиқаи корӣ дар корхонаи мазкур – аз 16 майи соли 2022.

- дастури муқаддимавӣ -16.05.2022;

- дастурдиҳӣ дар ҷойи кор - 11.08.2024.

Вазъи оилавӣ - оиладор.

**Ҳолатиҳодисаи нохуш**

Аз баёноти шоҳидони ҳодисаи нохуш бармеояд, кисанаи 25 ноябрисоли 2024 соатитахминан 7$^{00}$коргарон азмуовинисардориқитъа Нуриддинов В.супоришикорироқабулнамуда,баъданбакормандонина

қбоидимустаҳкамкунии нақбсупоришикорӣдодааст. КормандонЗариповМ.,ҶумаевС.,ЭшоновК.,ҒаниевФ.ва МирзоевА.баъдигирифтанисупоришикорӣбаминтақаико рӣрафтамашғуликоршуданд.

УстоикӯҳӣЭшоновК.бодигаркормандонбанақбизеризам инии №4 барои иҷроикоррафтааст. Кормандони нақби№14 тосоатҳоитахминан 18[30] дақиқакорҳоимустаҳкакунироба анҷомрасонида,баъди анҷомикорбаберунинақббаромаданд, кидарҳаминвақтазболоидаромадгоҳинақбизеризаминӣн огаҳонрезишиҷинсҳоикӯҳӣбаамаломадааст. Кормандон ин ҳолатродидабаҳартарафгурехтанд, валеяксангбапойиростиЗариповМ.бархӯрда,ӯ ҷароҳатиҷисмонӣбардоштааст.

ЗариповМ.ҳангомигирифтаниҷароҳатиҷисмонӣдоду фиғон бардошт,ки ин ҳолатрокормандоне, ки дар онҷоқарордошт, шунида, барои ёрӣ расонидан ба назди ӯрафтанд.

ҒаниевФ.инҳолатродидабамуовинисардориқитъаНуридд иновВ.зангзадаоидидоданиҳодисаинохушхабардодааст. СипасЗариповМ.-ро ба автомашинасаворнамуда,бабеморхонаи МДМТШ №23-и шаҳриДушанбе бурда, бистарӣнамуданд.

**Сабабҳои рух додани ҳодисаи нохуш**

- насохтани девори муҳофизатӣдарболоидаромадгоҳи нақбизеризаминии №6 уфуқи +2612 метриқабатиангишти №10;
- беэҳтиётииҷабрдидаҳангомииҷроикорҳоикӯҳӣ,азназарна гузарониданигирдуатрофиҷойикорӣ;
- пурра тоза накардани санговезаҳоазболоидаромадгоҳинақби зеризаминии №6 уфуқи +2612 метри қабатиангишти№10;
- таъмин накардани рушноӣ дар майдони кории даромадгоҳинақби зеризаминии №6 уфуқи +2612

метриқабатиангиштиӣ№10;

- таъмин нагардидани чорабиниҳо оид ба техникаи бехатарӣ аз тарафи устои баст ва иҷрокундаи муовини сардори қитъаи №6 ҳангоми фаъолияти корӣ.

**28. Ҳодисаи нохуши ҳолати марговарва ҷароҳатбардорӣ санаи 5 декабрисоли 2024 бошаҳрвандонШарифовЭмомалӣҚурбоналиевич ва Ҷалолов Абдураҳим ҳангоми кор дар назди крани автомобилӣ дар заводи сохташавандаи газоблок, воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Ҷангалобод рух додааст.**

**Маълумот дар бораи ҷабрдидагон:**

1.Шарифов Эмомалӣ Қурбоналиевич (фавтида), санаи таваллудаш 21 июни соли 1982, 42 сола, ҷинс мард, миллат тоҷик, истиқоматкунандаи вилояти Хатлон, ноҳияи Муъминобод, ҷамоати деҳоти ба номи Нуралишо Назаров, деҳаи Истиқлол, оиладор соҳиби 5 фарзанд. Зимни тафтиши ҳодисаи нохуш маълум гардид, ки шаҳрванд Шарифов Эмомалӣ Қурбоналиевич дар сохтмони нотамоми заводи нави истеҳсоли газоблок, ба ҳайси коргар бе фармоиш ва бе расмият даровардани шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб шудааст.

2. Ҷалолов Абдураҳим (ҷароҳатбардошта) санаи таваллудаш 3 феврали соли 1963, 61 сола, миллат тоҷик, истиқоматкунандаи шаҳри Ваҳдат, ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Ҷангалобод, оиладор соҳиби 3 фарзанд мебошад.

**Ҳолати рух додани ҳодисаинохуш**

Дар баёноти худ ҷабрдида коргари заводи сохташавандаи газоблок Ҷалолов Абдураҳим оиди ҳодисаи нохуш чунин шарҳ медиҳад, ки санаи 5 декабри соли 2024 тахминан соати $11^{00}$ ба бинои сохтмони заводи нав ҳозир шуда, ҳамроҳи марҳум Шарипов Эмомалӣ кор мекарданд. Худи ҳамон рӯз ӯ машғули корҳои рангуборкунӣ будааст, ки ногаҳон як садои баланд ба амал омада ва тунука аз болои крани

автомобилӣ афтида, яке аз ин тунукаҳо ба болои пои ӯ задаӯро аз ҳуш афтоднидааст ва ӯ дигар чизеро дар ёд надошт.

Дар баёноти худ идоракунандаи крани автомобилӣ Хоҷаев И. оиди ҳодисаи мазкур чунин шарҳ медиҳад, ки санаи 5 декабри соли 2024, якеаз корманди завод бо ном Аъзам ӯро ба кор даъват намудааст ва худи ҳамон рӯз соати $8^{30}$дақиқа ба кор шурӯъ намуда, давоми 2-3 соат тунукаҳоро ба болои ангари завод бардоштааст. Тақрибан соати $10^{30}$дақиқа Шарипов Э. ва Ҷалолов А. тунукаҳоро бастаанд ва ӯ бо фармони Ҷамшед борро тавассути крани автомобилӣ бардоштааст. Ҳангоми тақрибан ба баландии 5-6 метр бардоштан ногаҳон банди латагин лағжидааст ва тунукаҳо ба замин афтидандааст, ки дар натиҷа 2 нафар кормандон ҷароҳат бардоштанд.

**Сабабҳоиҳодисаи нохуш**

-ба кори борбандӣ ҷалб намудани шахсоне, ки шаҳодатномаи тахассусии борбандӣ надоранд (ҷабрдидагон);

-ба корҳои хатарнок ҷалб намудани шахсоне, ки пеш аз оғози кор аз дастурдиҳӣ оид ба техникаи бехатарӣ, омӯзиш оид ба тартиби пешбурди корҳои хатарнок ва аз санҷиши дониш оид ба бехатарии саноатӣ ва техникаи бехатарӣ нагузаштаанд;

-дар корхона бо фармоиш таъин нагардидани шахси масъул оид ба назорати корҳои борбардорӣ ва борфарорӣ тавассути кранҳои борбардор;

-дар корхона нақшаи (схема) тартиби дурусти бастани бор ба крани автомобилӣ дар ҷои корӣ гузошта нашудааст;

-истодани одамон дар зери бори бардошташаванда манъ аст.

**29. Ҳодисаи нохуши ҳолати марговар ва ҷароҳатбардорӣ санаи 7 декабри соли 2024 тақрибан соати $20^{30}$ дақиқа бо коргари ҶДММ «Орзуи Аҳмад» Сафоев Маҳмадғафор Буриевич дар қитъаи кории нақби Т-9 сохтмони иншооти НБО «Роғун» рух додааст.**

**Маълумот дар бораи шахси ҷабрдида:**

Сафоев Маҳмадғафор Буриевич, санаитаваллудаш 20 августи соли 1984, миллаташ тоҷик, истиқоматкунандаи вилояти Хатлон, ноҳияи Данғара, ҷамоати деҳоти Оқсу, деҳаи Талхоб,

Тибқи фармони ҶДММ «Орзуи Аҳмад» таҳти №38 аз 03.10.2024 Сафоев Маҳмадғафор Буриевич, ба ҳайси коргари иншоотҳои кӯҳӣ ва зеризаминӣ ба кор қабул гардидаст.

Собиқаиумумиикорӣ 2 солу 1 моҳу 16 рӯз.

Дар ташкилоти мазкур 2 моҳу 4 рӯз.

Вазъи оилавӣ – оиладор, соҳиби 2 фарзанд.

**Маълумот оиди гузаронидани дастурдиҳиҳо оиди риояи техникаи бехатарӣ ба ҷабрдида:**

-гузаронидани дастурдиҳии муқаддимавӣ - санаи 03.10.2024;

-гузаштан аз дастурдиҳии дар ҷойи корӣ – санаи 03.10.2024.

-гузаштан аз дастурдиҳии такрорӣ – санаи 07.12.2024.

**Ҳолатируxдодани ҳодисаинохуш**

Санаи 07.12.2024 соати 19$^{00}$ коргарон Зардов Саидмурод, Сафоев Маҳмадғафор Буриевич ва пармагар Мусавӣ Муҳаммад ба басти дуюми корӣ ба утоқимуваққатиикормандон ба сатҳи 1207ҳозиршуданд ва онҳо дар дафтари супоришҳоибастикоріимзогузоштанд. Тибқи супориши корӣ онҳобоҳамроҳии коргарон ЗардовСаидмурод ва Сафоев Маҳмадғафор дар сатҳи 1207 метр барои парма намудани пармачоҳҳои дарозияш 12 метрасупориш гирифта, тақрибан соати 20$^{00}$ ба пармакунии пармачоҳҳо шурӯъ намуданд. Баъдан як адад пармачоҳро парма намуданд ва зарурияти ҷойивазкунии таҷҳизоти пармагарӣ ба ПК 2+26 сатҳи 1207 метр ба миён омад. Дар ин ҳолат дар ПК 2+26 сатҳи 1207 метр, яъне дар ҷойи кӯчонидашавандаи таҷҳизоти пармагарӣ 2 адад ноқили барқӣ ва 1 адад рӯдаи резинини

ҳавотаъминкунии қутри тақрибан 20-25 милиметр дар сатҳи замин хобида будаст. Баъдан Мусавӣ Муҳаммад аз коргарон Зардов Саидмурод ва Сафоев Маҳмадғафор хоҳиш кардаст, ки барои ба ҷойи дигар гузаронидани ин ноқилҳо ва рӯдаи резинин ба ӯ кӯмак расонанд. Тақрибан соати 20-30 дақиқа Мусавӣ Муҳаммад, Зардов Саидмурод ва Сафоев Маҳмадғафор 2 адад ноқили барқӣ ва 1 адад рӯдаи резинини ҳавотаъминкуниро бардошта ба самти болоӣ кӯчониданоро оғоз намуданд, ки бинобар сабаби хӯрдашавии изолятсияи қисми ноқили барқтаъминкунии ноқили барқ ногаҳон Сафоев Маҳмадғафорро қувваи барқ зада, ҷароҳати ҷисмонӣ бардоштаст.

**Сабабҳои ҳодисаи нохуш**

-дар ПК 2+26 сатҳи 1207 метр бар хилофи талаботҳои бехатарии амалкунанда васл карда шудан ва бетартибона дар рӯи замин партофта шудани 2 адад ноқилҳои барқӣ, аз ҷумла 1 адад ноқили барқӣ барои таъмини рушноии иншоот ва 1 адад ноқили барқӣ барои таъмини барқи таҷҳизотҳои барқии корхонаҳои зерпудратии ФҶСП «Тунел Садди Ориёно» дар Ҷумҳурии Тоҷикистонистифодашаванда;

-ҳангоми иҷрои корҳои хатарнокияш баланд шахси масъул дар ҷойи корӣ ҳузур надошт.

**30. Ҳодисаи нохуши ҳолати марговарсанаи 2 декабри соли 2024 тахминан соати 5[20] дақиқа бо шаҳрванди Ҷумҳурии Мардумии Чин Ванг Сянмин корманди зеризаминии ҶДММ «Ташкилоти истеҳсолию тиҷоратии Зинхуа» (паймонкори ҶДММ «Осиё Кемикал») дар нақби зеризаминии қитъаи Ғарбии кони «Зиддӣ»рух додааст.**

**Маълумот дар бораи ҷабрдида:**

Ванг Сиянмин – санаи таваллудаш 19.04.1977 – муовини мутахассиси ҶДММ“ТитЗинхуа”;

- собиқаикорӣдаркорхонаимазкур– 27 рӯз;

-аз дастурдиҳиимукаддимавӣ - нагузаштааст;

- аз дастурдиҳиидарҷойикор - нагузаштааст;

- аз дастури навбатӣ -  нагузаштааст;

вазъи  оилавӣ - соҳиби 3 фарзанд;

Писараш-Ванг Чиянг Лонг,санаи таваллудаш 24.10.2000;

Писараш Ванг Ю Линг, санаи тавалудаш 20.02.2016;

Духтараш Ванг Лан Фей, санаи таваллудаш 25.08.2012.

**Ҳолати ҳодисаинохуш**

Аз баёноти бригадири ҶДММ «Ташкилоти истеҳсолию тиҷоратии Зинхуа»Ванг Янҷоубармеояд, кисанаи 1 декабрисоли 2024 тахминансоати $23^{00}$бригадаробошумораи 9 нафарбаназдашдаъваткардааст. Баонҳодарбораиичрои корҳовариояи техникаибехатарӣдаркониангиштмаҷлисгузарондааст. Тахминансоати $23^{00}$ӯбоҳамроҳиикоргаронбомақсадитозанамуданихокаи ангиштдохилинақбшуданд. Тахминансоати $05^{20}$дақиқаисанаи 2 декабрисоли 2024,ВангСиянгМингбо ҳамроҳииВангЛянгваЛюГавФенгдамкратҳорокушода,дарзамингузоштаанд.Ванг Янҷоубоҳамроҳии МейЧуе Чанг, Канг Симин ва Денг Ҷиеноҳанҳоидарзамингузоштаробааробаборкардабаберунбароварданд. Дар ин ҳолат ногаҳонсадоиКангСимин баландшуда, сарусадоиоҳаннизбагӯшашрасидааст. Ҳангомибақафобаргаштандидааст, кикоргарон Ванг Сиянминро пеши бар карда ба берун бароварда истоданд. Ванг Янҷоунизбаонҳокӯмакрасонида ҷабрдидаробомақсадибабеморхонабурдан баберун бароварданд. ҲангомиВангСияминробаберунбаровардан, баонҳомаълум гардид, кивайвафот кардааст. Сипас оид ба ҳолатикорбамуовинидиректориширкатимазкурхабардодааст.

**Сабабҳоиҳодисаи нохуш**

-нақби зеризаминӣазҳисобисохтигеологиикон, ноустуворвамураккаббуданисохтиқабатиангишт, мавҷуд будани миёнақабатҳоиҷинсҳоикӯҳии халалрасони аргиллитҳо, аллевролитҳодарқабатҳои ангишт ва ноустувору обдор будани сақфиқабатиангишт, ки ҳамчун объекти дараҷаи хавфнокии он баланд буда, боиси ногаҳонкандашавӣвапартофтанисақфиқабатиангиштазб олоинақбгардидааст;

-бо назардошти дер хабар додан аз ҳодисаи нохуши марговар (16 декабри соли 2024) ва дар ин муддат пурра барҳамдоданисистемаиҳаводиҳӣвадигарсистемаҳоитаъми нибехатарӣдарнақбизеризаминӣазназаргузарониданиҷой иҳодисаинохушвамуайяннамуданисабабҳоитехникииҳоди сағайриимкон мебошад;

**Сабабҳои ташкилӣ**

-тартибнадоданишиносномаикорҳоимустаҳкамкунӣваши носнакарданикоргаронизеризаминӣбошиноснома;

- иҷроикорҳоикӯҳиизеризаминӣбеҷалби мутахассисони соҳавие, кидороимаълумотиолӣвамиёнаимахсусикӯҳӣ, азҷумла сармуҳандис, муҳандиси техникаи бехатарӣваҳифзимеҳнат, сардори қитъа, сардорибаставустоикӯҳӣ;

-беэҳтиётӣзоҳирнамуданазтарафиҷабрдидаҳангомитаҷзи яи (демонтаж) сутунҳоигидравликӣаз шифти нақб.

# ТАҲЛИЛ

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки бар асари ҳодисаҳои нохушидар нимсолаи дуюми соли 2024рухдода 17 нафар ба ҳалокат расида, ки аз онҳо 13 нафар шахсони ба ҳалокат расида шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва4 нафар шаҳрвандони Ҷумҳурии Мардумии Чин мебошанд.Дар таъминоти шахсони ба ҳалокатрасида70 нафар аъзоёни оила буда, аз онҳо 30нафар фарзандони ноболиғро ташкил медиҳанд ва онҳо бесаробон мондаанд.Масъулон бояд дарк намоянд, ки акнун барои 30 нафар фарзандони ноболиғи бесаробонмондаи нафарони бар асари ҳодисаҳои нохуш фавтида, дар асоси қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бесаробон монданашон то ба синни 18 солагӣ расиданашон нафақа таъин менамояд, ки ин дар баробари дастгирии иҷтимоӣ зарари иқтисодӣ ба давлат низ мебошад. Корхонаҳо низ ба оилаҳои ҷабрдида тибқи қонунҳои амалкунандаи ҶумҳурииТоҷикистон кӯмакҳои моддӣ расонида, вобаста ба маъюбӣ ва фавти корманд ҷуброни зарарро пардохт менамоянд. Ҳамаи ин бинобар риоя накардани талаботҳои ҳифзи меҳнат ва бехатарии корҳо буда, албатта дар баробари дастгирӣ зарар ба худи ин корхонаҳо низ мебошад.Инчунин шахсони масъули корхонаҳо ва дигар кормандон бинобар қонун ва қоидавайронкуниҳо ҷаримабандӣ карда мешаванд, ки ба корхона зарари молиявӣ мерасонад. Агар роҳбарони корхонаҳо, масъулин ва кормандони корхонаҳо ба қоидаҳои бехатарона бурдани корҳо аҳамияти хоса дода талаботҳои ҳифзи меҳнатро риоя намоянд, чунин зарарҳо ба тарафҳои зикргардида ба миён наомада, дигарон низ осеб намедиданд. Аз ин рӯ, роҳбарон ва дигар масъулини корхонаҳоро зарур аст, ки барои ҷамъбасти фаъолиятҳои кории корхонаҳо бе ҳодисаҳои нохуш ҷиҳати риояи қоидаҳои бехатарона бурдани корҳо чораҳои доимӣ андешанд.

Зимни тафтиши 30ҳодисаҳоинохушибақайдгирифташуда чорабиниҳо иборат аз 365 банди умумӣ таҳия гардида, мӯҳлати иҷрои ҳар як банд ва иҷрокунандаи ҳар як банд муайян карда шудаанд. Комиссияҳо дар асоси «Тартиби гузаронидани тафтиш ва баҳисобгирии ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июли соли 2014, №462 амал намуда, тафтишот бурда, ҳолат, сабабҳои асосии техникӣ ва рух додани ҳодисаҳо ва садамаро муайян намуда, инчунин дигар маълумотҳои зарурии алоқаманд ба ҳодисаҳои нохуш ва садамаро ҷамъ оварда, санадҳоро доир ба ҳодисаи нохуш дар истеҳсолот ва парвандаҳои онҳоро тартиб дода, дар мӯҳлатҳои муайянгардида ба Хадамот, тибқи тартиби муқарраргардида барои баррасӣ пешниҳод намуданд. Дар рафти тафтишот нисбати шахсоне, ки санадҳоимеъёриихуқуқииҶумҳурииТоҷикистонрориояна кардаанд, тибқи қонунгузорӣ чораҳои дахлдор, яъне ҷазои маъмурӣ татбиқ гардидааст. Барои иҷрои чорабиниҳои қабулнамудаи комиссияҳо корхонаҳо чораҳои бартараф намудани камбудиҳоро андешида, ба Хадамот тибқи талаботҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маълумот пешниҳод менамоянд. Аз ин рӯ, роҳбарияти корхонаҳо ва дигар масъулини бехатарии саноатиро зарур аст, ки иҷроиши бандҳои чорабиниҳо, ки ба онҳо мӯҳлати «доимӣ» ва ё «фавран»дарҷ гардидааст, доимо зери назорат гирифта, ба такроршавии чунин ҳодисаҳои нохуш роҳ надода, саломатӣ ва ҳаёти кормандонашонро ҳифз намоянд. Ҳамчунин маводҳои ҷамъовардаи комиссияҳо дар асоси ваколатҳои Хадамот дар ҷаласаҳои ҳайати мушовара мавриди баррасӣқарор дода шуда, қарорҳои дахлдор қабул гардидаанд. Хадамот ва мақомотҳои дахлдори он, инчунин кумитаҳои иттифоқҳои касабаи соҳавӣ парвандаҳои дахлдори

ҳодисаҳои нохушро баъди ба анҷомрасониданитафтишот ба мақомоти прокуратура пешниҳод намуданд.

## ХУЛОСА:

Таҳлили ҳодисаҳои нохуши рухдодадар нимсолаи дуюми соли 2024 нишон медиҳад, ки бинобар риоя накардани дастурамалҳои вазифавӣ ва дигар талаботҳои қонунҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ оиди бехатарии саноатӣ ҳодисаҳои мудҳиши марговар ва ҷароҳатбардорӣ рух додааст.Комиссияҳои тафтишотӣ ва маъмурияти корхонаҳо дар баробари кӯмаку дастгириҳо ба онҳо ҳамчун ҷабрдида, дар рафти бурдани тафтишот ҳангоми муайян кардани сабабҳои асосии сар задани ҳодисаҳои нохуш нисбати баъзеи онҳо тибқи талаботҳо чораҳои лозимӣ, яъне ҷазои маъмурӣ ва муҷозотҳои интизомӣ татбиқ намуданд. Дар баробари ин дар байни худи зарардидагонба қоидавайронкуниҳо роҳ дода, баъзе шахсони бар асари ҳодисаҳои нохуш фавтида низ ба қоидавайронкуниҳо роҳ додаанд, ки ҳаёти худро зери хатар монда, боиси сар задании ҳодисаҳои нохуш гардидаанд. Ҳамин тариқдар нимсолаи дуюми соли 2024нисбати шахсони ҳуқуқӣ, мансабдорва воқеӣ аз тарафи комиссияҳои тафтишотӣҷазои маъмурӣ татбиқ гардидаанд.

Ба36нафар зарардидагон (аз ҷумла 17 нафар фавтидагон) аз тарафи корхонаҳо, иттифоқҳои касаба ва шахсони воқеӣ дар асоси Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон боби 36 моддаи 343, ҷуброни зарар кумакпулии яқвақта ва барои гузаронидани маросимҳои дафн, маъракаҳо барои ҷароҳатбардоштагон, барои гирифтани табобат кӯмакҳои пулӣ ба маблағи **6285505** сомонӣ, инчунин кӯмакҳои молӣ расонида шуданд.

Ба 18 нафар фарзандони ноболиғи кормандони дар ин ҳодисаҳои нохуш ҳалокгардидадавлат, тибқи

қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ёрдампулии барои то синни 18-солагӣ расиданашон муқаррар менамояд, ки ин дар баробари дастгирии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар ба буҷаи давлат низ мебошад.

Агар масъулин қоидаҳои техникаи бехатариро худ риоя мекарданд ва риоя кардани онҳоро аз нафарони ҳалокгардида талаб мекарданд ва фаҳмондадиҳиро дар байни онҳо пурзӯр мекарданд ва барои риояи бехатарии саноатӣ чораҳои зарурии саривақтӣ меандешиданд, чунин ҳодисаҳои нохуш рух намедод, зарарҳои моддӣ ба тарафҳои зикргардида намешуд ва боиси зарари маънавӣба оилаҳои нафарони зарардида низ намегардид. Ҳатто баъзе корхонаҳо барои ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта набудани маблағро пеш меоранд. Ҳол он ки маблағгузории ҳифзи меҳнат дар ташкилотҳо бояд, ки мувофиқи талаботҳои моддаи 24 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шавад. Дар урфият низ мегӯянд, ки «Илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ».

Аз ин рӯ, роҳбарон ва масъулини бехатарии саноатии корхонаҳо ва тамоми кормандони онҳоро зарур аст, ки баҳри ҳифзи саломатиашон дар истеҳсолот қоидаҳои бехатарии меҳнатро бояд доимо риоя намоянд, зеро бехатарӣ дар истеҳсолот ин кори ҳамаи иштирокчиёни истеҳсолот аст. Техникаи бехатарӣ бошад ин олоти пешгирии ҳодисаҳои нохуш ҳангоми кор бо воситаҳои техникӣ мебошад.

Иҷроиши бандҳои чорабиниҳои таҳиянамудаи комиссияҳои тафтишоти ҳодисаҳои нохушро, ки мӯҳлати иҷрои онҳо ба таври «доимо» ё «ҳар сол» нишон дода шудаанд, роҳбарону масъулини корхонаву ташкилотҳои дахлдор бояд ба таври доимӣ зери назорат гиранд, то ки чунин ҳодисаҳо такрор нашаванд.

Бо мақсади пешгирии ҳодисаҳои нохуш ва садамаҳои истеҳсолӣ солҳои мибаъда бояд семинар – машваратҳои техникӣ соҳа ба соҳа гузаронида шуда, корҳои фаҳмондадиҳӣ – профилактикӣ дар корхонаҳои зериназоратӣ зиёд карда шаванд.

Роҳбарону масъулини корхонаву иншоотҳои зериназоратӣ ва дигар корҳои зериназорати Хадамот қарордоштаро зарур аст, ки дастуру нишондодҳои нозирон ва дастуру супоришҳое, ки дар семинар машваратҳои техникии Хадамот ҷиҳати риояи талаботҳои қоидаҳои бехатарии саноатӣ дода мешаванд, сари вақт иҷро намуда, саломатии худ ва дигар кормандонро дар истеҳсолот эҳтиёт намоянд. Фаромуш низ набояд кард, ки ҳамаи кормандонро дар хона аҳли оила ва бахусус фарзандон интизоранд.

Ба матбаа 12.01 соли 2025 супорида шуд.
Ба чопаш 21.01 соли 2025 имзо шуд.
Андозаи 60x84 $^{1}/16$. Ҷузъи чопӣ5.
Адади нашр 120. Супориши №……….

734018, ш. Душанбе, хиёбони
Саъдии Шерозӣ, 16.
Нашриёти «Шарқи озод»-и Дастгоҳи иҷроияи
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.